"ТАСДИҚ МЕКУНАМ"
Ректори Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон
д.и.и., и.в. проф. Раҳмонзода З.Ф.
________________
«__» ______03______ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи доктор фалсафа (PhD)-и Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзӯи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) дар кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Шоҳзода Назира Изатулло солҳои 2022-2025 зинаи таҳсилоти доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисосро дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент хатм намудааст.

Шоҳзода Назира Изатулло соли 2014 зинаи таҳсилоти бакалавриатро дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси менеҷмент иқтисодиёт ва идора дар корхона хатм намуда, солҳои 2014-2016 зинаи магистратураи ҳамин Донишгоҳро аз рӯи ихтисоси иқтисодиёт, менеҷменти молиявӣ хатм намудааст.

Тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2022 бо қарори № 38/А мавзӯи диссертатсияи докторант PhD-и Шоҳзода Назира Изатулло тасдиқ карда шудааст.

Роҳбари илмӣ – Досиев Маҳмадшоҳ Назарович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аз руйи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсия дар мавзӯи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» чунин хулоса бароварда шуд:

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва мухтавои диссертатсия.**

Диссертатсияи Шоҳзода Назира Изатулло ба омӯзиши масъалаҳои «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар

низоми хизматрасониҳои экологӣ» бахшида шуда, мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои аз ҷониби муаллиф дар таҳкикот бадастовардашуда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷахои диссертатсия дорои аҳамияти баланди илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**2. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия**. Сармоягузории хориҷӣ ба сифати яке аз сарчашмаи муҳимми маблағгузорӣ барои кишварҳои рӯ ба рушд хизмат намуда, норасоии захираҳои молиявиро дар иқтисоди миллӣ коҳиш медиҳад. Ин ба имконияти татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мусоидат мекунад, ки танҳо тавассути захираҳои дохилӣ амали намудани онҳо номумкин аст. Сармоягузории хориҷӣ воситаи муҳими тавсеаи ҳамгироии иқтисоди миллӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

Бо вуҷуди мавҷудияти имкониятҳои воқеӣ барои рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ, идоракунии самараноки сармоягузориҳои хориҷӣ бо як қатор мушкилоти мураккаби ташкилӣ, ҳуқуқӣ, институтсионалӣ, иқтисодӣ ва маърифатӣ рӯ ба рӯ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии самараноки сармоягузориҳои хориҷӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ бо якчанд мушкилот рӯ ба рӯ аст. Аз ҷумла, номукаммалии қонунгузорӣ ва набудани заминаи устувори ҳуқуқӣ; маҳдуд будани имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва дастгирии давлатӣ; нокифоя будани инфрасохтори техникӣ ва идоракунии муосир барои татбиқи лоиҳаҳои экологӣ; маҳдуд будани воридоти технологияҳои сабзу инноватсионӣ ва истифодаи таҷрибаи пешрафтаи давлаҳои хориҷӣ; инчунин дастрас набудани маълумоти оморӣ ва таҳлилӣ дар ин соҳа қабули қарорҳои муассирро мушкил месозад.

Барои самаранок идора намудани сармоягузориҳои хориҷӣ дар сатҳи рисолаи диссертатсионӣ муаллиф чунин амалҳоро зарур шуморидааст, ки қонунгузорӣ такмил дода шуда, низоми ҳавасмандгардонии сармоягузорон густариш ёбад, инфрасохтори муосир ва технологияҳои сабз ворид гарданд, ҳамзамон низоми таҳлил ва мониторинг дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ рушд кунад. Ин чораҳо имкон медиҳанд, ки ҷалби сармояи хориҷӣ афзоиш ёбад ва самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ баланд бардошта шавад.

Дар ин замина, дар сатҳи рисолаи диссертатсионӣ гузаронидани таҳқиқи назариявию методологии идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ, арзёбии вазъи амалии ҷалб ва истифодаи онҳо дар Тоҷикистон, омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои такмили механизмҳои идоракунӣ дорои аҳамияти илмию амалӣ ва амалию стратегӣ мебошад.

Махсусан зарур аст, ки модели муассири менеҷменти сармоягузорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ, имконияти рақамисозии равандҳои идоракунӣ ва рушди ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ таҳия ва татбиқ гардад.

Бо назардошти он ки вобаста ба масъалаи мазкур дар илми иқтисодиёт, бахусус идоракунии самараноки сармоягузорӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ҳанӯз таҳқиқоти ҳамаҷонибаи мустақим дар шароити Тоҷикистон гузаронида нашудааст, мавзӯи диссертатсионии Шоҳзода Н.И., аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ дошта, ба ҳалли масоили идоракунии сармоягузорӣ дар умум ва муайяну бартараф намудани монеаҳо ва мушкилотҳо дар идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузо-риҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ мусоидат менамояд.

**3. Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**. Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ тасдиқшудаи давлатӣ, зербанди 3 Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар ҶТ барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди ҶТ барои солҳои 2021-2025, ҳамчунин мавзуи таҳқиқот дар доираи Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» дар ҶТ барои солҳои 2023-2037 иҷро гардидааст.

**4. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 21 кори илмӣ, аз ҷумла 11 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд. Номгӯйи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд, инҳоянд:

**Руйхати интишороти довталаб аз рӯи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Шоҳзода Н.И., (Шоева Н.И.) Досиев М.Н. Государственное регулирование развития экологического предпринимательства как фактор рынка экологических услуг [Матн] / Н.И. Шоҳзода, М.Н. Досиев // Паёми

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2022. -№ 4/1. - С. 167-174. ISSN 2707-800.

[2-М]. Шоҳзода Н.И. (Шоева Н.И.). Особенности развития финансового рынка Республики Таджикистана [Матн] / Н.И. Шоҳзода, // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (бахши илмҳои гуманитарӣ ва педагогикаи касбӣ).- 2022. - № 10(2). - С. 79-83 ISSN.

[3-М]. Шоҳзода Н.И. Теоретические аспекты формирование рынка экологических услуг [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Паёми молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. - 2023. №3 (37). - С. 356-363. ISSN 2664-0651.

[4-М]. Шоҳзода Н.И., Ҷалолов А. Механизми ташкили ва идоракунии бозори хариди давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Н.И. Шоҳзода, А.Ҷалолов // Паёми молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. -2023. - №1 (35). - С. 447-454. ISSN 2664-0651.

[5-М]. Шоҳзода Н.И. Таҷрибаи хориҷии иштироки сармояи хориҷӣ дар ташаккули бозори хизматрасониҳои экологӣ. [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. -№ 3/1. - С. 292-302. ISSN 2308-054X.

[6-М]. Шоҳзода Н.И., Досиев М.Н. Изучение и реализации зарубежный опят развития форм экологического предпринимательства в Рекспублики Таджикистан. [Матн] Н.И. Шоҳзода, М.Н. Досиев, // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. - № 4/2. – С. 154-158. ISSN 2308-054X.

[7-М]. Шоҳзода Н.И. Мушкилот ва роҳҳои ҳалли ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба бозори хизматрасониҳои экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2024. - № 4/1. – С. 254-260. ISSN 2707-800 .

[8-М]. Шоҳзода Н.И., Пирова Д.Қ. Проблемаҳо ва роҳҳои ҳалли ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ба бозори хизматрасонии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Н.И. Шоҳзода, Д.Қ. Пирова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. № 4/1(54). – С.493-454. ISSN 2308-054X .

[9-М]. Шоҳзода Н.И. Ташаккули шаклҳои танзими давлатии дастгирии сармоягузории хориҷӣ барои рушди бозори хизматрасонии экологӣ. [Матн] / И.Н. Шоҳзода // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. - №1. – С. 190-196. ISSN 2413-5151.

[10-М]. Шоҳзода Н.И. Механизмҳои самараноки идоракунии сармоягузорӣ ва татбиқи стратегияҳои инноватсионӣ дар шароити иқтисодиёти рақамии Тоҷикистон. [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. - № 2. – С. 482-488. ISSN 2308-054X .

[11-М]. Шоҳзода Н.И. Монеаҳо ва мушкилотҳо дар идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ. [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. - № 2. – С. 489- 496. ISSN 2308-054X

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[12-М]. Шоҳзода Н., Досиев М.Н. Совершенствование управления развитием экологического предпринимательства и рынок экологических услуг [Матн] / Н.И. Шоҳзода, М.Н. Досиев // Маҷалаи Омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар замони Истиқлолият. – 2022. - С. 328-334.

[13-М]. Шоҳзода Н.И. Особенности функционирования рынка экологических услуг / Н.И. Шоҳзода // Саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо эълон шудани "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф". Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (18 - 19 ноябри соли 2022). Қисми 2. - Душанбе, 2022. - С.173-177.

[14-М]. Шоҳзода Н.И. Формирование и развитие рынка экологических услуг в Республики Таджикистан / Н.И. Шоҳзода // Рушди устувори саноати миллӣ дар асоси амалигардонии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф". Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (24 - 25 апрели соли 2023) Қисми 2. - Душанбе, 2023. - С. 171-176.

[15-М]. Шоҳзода Н.И., Досиев М.Н. Организационно-экономический механизм инвестиционной деятельности рынка экологических услуг [Матн] / Н.И. Шоҳзода, М.Н. Досиев // Заминаҳои илий-техникӣ ва иқтисодии саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илми-амалии байналмилалӣ (Душанбе, 24-25 ноябри соли 2023). Қисми 2. - Душанбе, 2023. - С. 49-53.

[16-М]. Досиев М.Н., Зоҳидов С.Қ., Шоҳзода Н.И. Идоракунии хизматрасониҳои маркетингӣ дар фаъолияти соҳибкории экологӣ ҳамчун омили татбиққунандаи принсипҳои иқтисоди "сабз" / М.Н. Досиев, С.Қ. Зоҳидов, Н.И. Шоҳзода // Заминаҳои илий-техникӣ ва иқтисодии саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи илми-амалии байналмилалӣ (Душанбе, 24-25 ноябри соли 2023). Қисми 2. - Душанбе, 2023. - С. 45-49.

[17-м ]. Шаропов Ф.Р. Досиев М.Н., Шоҳзода Н.И. Таҳлили баъзе мушкилоти экологӣ ва усулҳои ҳал намудани онҳо тавассути техника ва технологияҳои муосир [Матн] / Ф.Р. Шаропов, М.Н. Досиев, Н.И. Шоҳзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба соли 2025 «Соли

байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, солҳои 2020-2040». Душанбе, 14 марти соли 2024 Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. - С. 77-81.

[18-М]. Досиев М.Н., Шоҳзода Н.И. Нақши технологияи инноватсионӣ дар рушди соҳибкории экологӣ ҳамчун омили рушди босуръати саноат[Матн] / М.Н. Досиев, Н.И. Шоҳзода // Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф - асоси саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илми-амалии ҷумҳуриявӣ (26 - 27 апрели соли 2024). Қисми 2. - Душанбе, 2024. - С.26-30.

[19-М]. Досиев М.Н., Шоҳзода Н.И. Идоракунӣ ва баҳодиҳии омилҳои ҷолибнокии сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёт дар шароити муосир [Матн] / М.Н. Досиев, Н.И. Шоҳзода // Рушди босуботи идораи молияи давлатӣ дар партави иҷрои ҳадафҳои стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, бахшида ба солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат». Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илми-амалӣ (24 апрели соли 2024). - Душанбе: Матбааи АИДНПҶТ. - 2024. - С. 32-39.

[20-М]. Шоҳзода Н.И. Ҷалб кардани сармояи хориҷӣ дар рушди бозори хизматрасониҳои экологӣ дар асоси таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ. [Матн] / Н.И. Шоҳзода // Иқтисод ва сайёҳӣ: тамоюл ва дурнамо. – 2024. - №2. - С. 166-174.

[21-М]. Шохзода Н.И. Разработка форм государственного регулирования для поддержки иностранных инвестиций в сфере экологических услуг [Матн] / Н.И. Шохзода // Маводҳои конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли "Маърифати ҳуқуқӣ" дар мавзуи "Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ". – Душанбе: «ДБССТ», 2024. – С. 269-274.

**5. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо**. Хулосаҳо ва пешниҳои натиҷаҳои бадастомада дар семинарҳо, конфронсҳои илмию амалии сатҳҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда, дар амалия ва ҷараёни таълим, бахусус, дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (18 феврали соли 2025 таҳти №15-1-2/164) ва Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (аз 1 марти соли 2025 таҳти №62/25-1) татбиқ шудааст, ки бо санади дахлдор тасдиқ мегардад.

**6. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи диссертатсионӣ натиҷаи кори мустақилонаи илмии муаллиф буда, муқаррароти илмӣ , хулосаҳо ва тавсияҳои дар он таҳия ва асоснокшуда аз ҷониби муаллиф мустақилона дар асоси гузаронидани таҳқиқи амалияи рушди хизматрасониҳои

экологӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва байналмилали анҷом дода шудаанд. Қисми таҳлилии диссертатсия дар асоси коркарди маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идоракунии амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии вазъи рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, таҳқиқи ҷалб ва идоракунии сармояи хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ анҷом дода шудааст.

Навгонии илмӣ дар он ифода меёбад, ки дар шароити иқтисодиёти бозории ҶТ асосноккунии назариявӣ, методологӣ ва амалии таъмини идоракунии самараноки истифодаи сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ба таври комплексӣ таҳия ва пешниҳод шудааст, ки дар он хусусиятҳои ташаккул, механизми идоракунӣ, шаклҳои танзими давлатӣ, воситаҳои ҳавасмандгардонӣ, модели ҳамкории ташкилию иқтисодӣ ва самтҳои афзалиятноки низоми хизматрасониҳои экологӣ дар асоси омӯхтани таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ ва хусусиятҳои миллии ҶТ муайян гардида, усулҳои амалии баланд бардоштани самаранокии идоракунии сармоягузории хориҷӣ ва таҳкими муҳити институтсионалии экологии кишвар пешниҳод карда шудаанд. Натиҷаҳои муҳимтарини илмии тадқиқот, ки навгониҳои илмии онҳоро муайян мекунанд, инҳоянд:

1. Ҷанбаҳои назариявии идоракунии самараноки сармоягузории хориҷӣ дар рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ баррасӣ карда шуда, таҳқиқи категорияҳои «сармоягузорӣ», «сармоягузории хориҷӣ» ва «хизматрасониҳои экологӣ» ҳамчун объекти идоракунӣ муайян карда шуданд.

2. Таҷрибаи байналмилалии ҷалб ва идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасонихои экологӣ ва асоснок намудани зарурати мутобиқ намудани таҷрибаи онҳо ба шароити ҶТ; (бо дарназардошти таҷрибаи ИМА, Олмон ва Сингапур) коркард гардида, моделҳои мушаххаси дастгирии давлатӣ, имтиёзҳои андозӣ, шарикии давлатӣ-хусусӣ ва истифодаи технологияи нав барои ҷалби сармояи хориҷӣ таҳлил ва барои шароити Тоҷикистон мутобиқ гардонидан, пешниҳод карда шудааст.

3. Сатҳи ҷалб ва самаранокии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологии Тоҷикистон муайян карда шуда, барои таъмини самаранокии иштироки он маҷмӯи чораҳои низомнок ва мақсаднок асоснок ва пешниҳод гардиданд. Омилҳо (иқтисодӣ, сиёсӣ ва инфрасохторӣ) ва монеаҳои асосии таъсиррасон ба идоракунии самараноки дар низоми хизматрасониҳои экологӣ муайян карда шуда, ҳамчунин баҳри бартараф намудани онҳо пешниҳодҳои мушахас карда шудааст. Индикаторҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар

низоми хизматрасониҳои экологӣ муайян ва таҳлил карда шудаанд. Бо дарназардошти маълумоти воқеии солҳои 2022–2025 ва равнади афзоиши тадриҷии маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои экологӣ, инчунин таваҷҷуҳи афзояндаи Ҳукумати ҶТ ба рушди соҳаи экология ва хизматрасониҳои экологӣ, барои солҳои 2026–2030 пешгӯии эҳтимолии ҷалби сармояи хориҷӣ ба низоми хизматрасониҳои экологӣ пешниҳод шудааст.

**7. Натиҷаҳои назарраси назариявӣ ва методии таҳқиқот, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, инҳо маҳсуб меёбанд:** асоснокқунии назариявӣ, методологӣ ва амалии идоракунии самараноки сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ба таври комплексӣ таҳия ва пешниҳод шудааст, ки дар он хусусиятҳои ташаккул, механизми идоракунӣ, шаклҳои танзими давлатӣ, воситаҳои ҳавасмандгардонӣ, модели ҳамкории ташкилию иқтисодӣ ва самтҳои афзалиятноки низоми хизматрасониҳои экологӣ дар асоси омӯхтани таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ ва хусусиятҳои миллии ҶТ муайян гардида, усулҳои амалии баланд бардоштани самаранокии идоракунии сармоягузории хориҷӣ ва таҳкими муҳити институтсионалии экологии кишвар пешниҳод карда шудаанд.

**8. Баъзе тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот:**

**1.** Тоҷикистон метавонад бо роҳандозии лоиҳаҳои муштарак технологияҳои сабз ва инноватсиониро дар самтҳои коркарди партовҳо, тозакунии об, энергетикаи сабз ва идоракунии захираҳо ҷалб намуда, мушкилоти экологиро ҳал ва сатҳи хизматрасониҳои экологиро баланд бардорад.

**2.** Барои мутобиқсозӣ ва такмили Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар ҶТ барои солҳои 2026-2030, Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар ҶТ барои давраи то соли 2040 ва Стратегияи ҷалби сармоя ба ҶТ барои давраи то соли 2040 вобаста ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, тавсияҳо ва пешниҳодҳои илман асоснок карда шуд .

**3.** Бо мақсади баланд бардоштани идоракунии самараноки сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, зарур аст, ки дар сохтори КДСИАД назди Ҳукумати ҶТ як шуъбаи махсус ё зерсохтори алоҳида таъсис дода шавад, ки фаъолияти худро танҳо ба лоиҳаҳои сармоягузории экологӣ равона кунад .

**4.** Пешниҳод мегардад, ки дар Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2026-2030 бахши экология дар умум ва зербахши хизматрасониҳои экологӣ дар алоҳидагӣ пешбинӣ карда шавад.

## ҚАРОРИ ҶАЛАСА

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзӯи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D050700-Менечмент (6D050704-Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), тақризи роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент мудири кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Досиев Маҳмадшоҳ Назарович, баромади муқарризон: Мирсаидов А.Б. - д.и.и., профессор муовини директори Институти иқтисод ва демографияи АМИТ, Содиқов А.Р., - н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии АИДНПҶТ, Бегмуродов С.Ш., - н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти инноватсионӣ ва маркенинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷахои корҳои нашршудаи Шоҳзода Назира Изатулло ҷаласаи кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар асоси натиҷаи овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи докторант (PhD) Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзӯи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» таҳқиқоти илмии соҳавии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардида ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руи ихтисоси 6D050700 - Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод гардидааст, анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзӯи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 - Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя тавсия дода шавад.

3. Докторант (PhD) Шоҳзода Назира Изатулло вазифадор карда шавад, ки дар муҳлатҳои муайяншуда маводҳои зарурии худро ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Дар ҷаласаи иштирок доштанд: ҳамагӣ - 17 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ – 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор – 17 нафар,

зид - нест

бетараф – нест

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз 14 - уми марти соли 2025, суратмаҷлиси № 8 тасдиқ шудааст.

Раисикунандаи ҷаласа,
н.и.и., и.в., дотсент мудири
кафедраи иқтисод ва идораи
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Гадоев А.Ҷ.

Котиби ҷаласа,
доктори иқтисодиёт (PhD),
и.в., дотсенти кафедраи иқтисод ва идораи
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Сафозода Ҳ.С.

Имзои Гадоев А. ва Сафозода Ҳ.- ро
тасдиқ мекунам: Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва назорати
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Раҳматулло Нусратулло

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кучаи Н. Қарабоев 63/3
Тел.: (+992 37) 234-79-88; 234-79-90. E-mail: rectorat-tut@mail.ru